# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саидзода Исмоилбеги Адҳамкул дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301) - Таърихи ватанӣ**

Яке аз хусусиятҳои замони истиқлолият аз он иборат аст, ки мо на фақат бо руҳияи истиқлолхоҳӣ зиндагӣ мекунем, балки ба гузаштаю санадҳои таърихӣ ба тарзи наву амиқ назар меандозем ва баҳо медиҳем. Дар замони муосир, вақте, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳилаи нави рушду инкишоф ворид гаштааст, омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла таҳқиқу баррасии сарчашмаҳои таърихи ниёгон арзиши баланди илмӣ ва амалӣ пайдо кардааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти унвонҷӯ Саидзода И.А. роҷеъ ба шинохти ҳаёт ва фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии яке аз фарзанди сарсупурдаи миллати тоҷик Абдуқодир Муҳиддинов мубрам, рӯзмарра ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

Давраи хеле ҳассосу ҷонгудози солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX барои халқи тоҷик хеле пуртаззод ва тақдирсоз буд. Дар ин давра як зумра фарзандони фарзонаи тоҷик ба монанди Нусратулло Махсум, Садриддин Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва чанде дигарон, бо кору пайкори ҳадафмандонаи хеш баҳри рушди миллату давлатдории он хидмат намуда, дар саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик чун симоҳои намоён сабт гардиданд. Дар миёни нафарони зикршуда, хизматҳои шоёни яке аз шахсиятҳои барӯманди халқи тоҷик, арбоби сиёсию ҷамъиятӣ, аввалин .сарвазири тоҷик Абдуқодир Муҳиддинов мақоми шоистаеро соҳиб аст.

Тавре, ки муаллифи диссертатсия дуруст тасдиқ мекунад, дигаргуниҳое, ки дар самти давлатдории тоҷикон дар солҳои 20-уми асри XX ва дар рушду инкишофи хоҷагии халқ, фарҳангу маориф ба вуҷуд омада буданд, ба кору фаъолияти шахсиятҳои зикршуда, бахусус Абдуқодир Муҳиддинов сахт

вобастагӣ доштанд. Агарчанде, дар ин давра ба хотири ба роҳ мондани ин навгониҳо мушкилоту норасоиҳои зиёде ба вуҷуд омаданд, аммо эшон барои рафъи онҳо ва барқарор сохтани адолати таърихӣ мардонавор мубориза бурданд. Бо ташаббуси онҳо ва дастгирии давлати Шӯравӣ тоҷикон дар он солҳои мушкилафзо соҳиби давлате шуданд, ки номаш ифодагари номи этникии ин халқ буд. Мо тоҷикон дар таърих давлатҳои зиёде доштем, ки онҳо бо исми худ на номи тоҷикро, балки танҳо номи як хонадонро муаррифӣ мекарданду халос. Аввалин маротиба бо вуҷуди беадолатиҳо соҳиби давлате шудем, ки номи тоҷиконро эҳё намуд. Номи миллат қариб буд, ки дар миёни мардум аз миён мерафт. Пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон муҳаққиқон таҳқиқоти худро атрофи номи тоҷик (бо вуҷуди он, ки баъзе таҳқиқоти ҷудогона аз ҷониби олимони руси тоинқилобӣ сурат гирифта буд) ба таври васеъ оғоз намуданд.

Бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳамаҷониба арзёбӣ гардидааст, ки дар иртибот бо омӯзиши ин мавзуъ доир ба таърихи маҷрои зиндагӣ ва корномаи фарзанди диловари тоҷик Абдуқодир Муҳиддинов барои ҷомеаи имрӯзаи тоҷик аз ҳар ҷиҳат пандомӯз аст. Зеро зиндагию фаъолияти ин гуна афрод ба эҳёи давлатдории навини тоҷикон иртиботи қавӣ дошта, нақши эшон дар такмил ва ташаккули низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар як марҳалаи таърихӣ басо муассир мебошад. Дар шароити ҳозира рӯ овардан ба зиндагиномаи чунин родмардон метавонад барои такмили худшиносии миллии насли наврас мусоидат намояд, чунки, бе азхуднамоии донишҳои таърихӣ наметавон ба ташаккули амиқи худшиносии миллӣ расид.

Навоварии илмии унвонҷӯ дар он аст, ки вай ҳамаи маълумоте, ки то имрӯз дар бораи Абдуқодир Муҳиддинов дар шакли гуногун нашр шуда буд, гирд оварда, маводи то имрӯз дастнораси бойгонӣ ва матбуоти солҳои 20-и асри XX-ро илова намуда, як кори муфассалро нисбати ин фарзанди фидоии миллат ба анҷом расонид. Инчунин китоби худи А. Муҳиддинов “Инқилоби

Уктобр ба халқи тоҷик чӣ дод? Бори аввал ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашида шуд.

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи мазкур метавонанд ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ дар таҳқиқи мавзуъҳои дигари таърихии ба давраи фарогирандаи мавзуъ алоқаманд истифода шаванд. Ба ғайр аз ин, дар такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, таҳияи барномаҳо, курси лексияҳо аз фанни мазкур ҳамчун маводи иловагӣ мавриди истифода қарор додан аз аҳаммият холӣ нест.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул «**Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон**» таълифоти илмии комилан мустақилона буда, барои муҳокима ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод мешавад.

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои таърих,**
**дотсент, ходими пешбари илмии Шуъбаи**
**навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ** **Ғафуров А.М.**

***Имзои А. Ғафуровро тасдиқ мекунам:***
*Нозири калони шуъбаи кадрҳои*
*Институти таърих, бостоншиносӣ*
*ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ* **Файзуллоева Г. Қ**
«3» 11 2025